Нусха
из қарори № 6-и ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 14.12.2021 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 13 нафар устодони кафедра 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 5 нафар номзадҳои илм мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи кафедра гузаронида шавад.

**РӮЗНОМА:**

2. Баррасии диссертатсияи **Миралиева Сарварбӣ Толибовна** дар мавзуи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори раиси ҷаласа, номзади илми филология, дотсент Зайниддинзода М. дар бораи баррасии диссертатсияи Миралиева С.Т. шунида шуд. Иттилоъ дода шуд, ки ҳуҷҷатҳои довталаби дараҷаи илмӣ ва тақризи аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳодшуда ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба муҳтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз баромади унвонҷӯ суолу ҷавоб сурат гирифт. Миралиева С.Т. ба суолҳои профессорон А.Маҳмадаминов, А. Кӯчарзода, Р. Раҳмонов ва дотсентон М.Зайниддинзода, Н. Қаландаров ҷавоб дод.

Пас аз суолу ҷавоб баромади роҳбари илмӣ – доктори илми филология, профессор, узви пайвастаи АМИТ **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** шунида шуд. Хулосаи роҳбари илмӣ мусбат буд.

**БАРОМАД КАРДАНД:**

Профессорон А. Маҳмадаминов, А. Кӯчарзода, Р. Раҳмонов, дотсентон М. Зайниддинзода, Н. Қаландаров, н.и.ф. И. Бобомаллаев дар баромадашон оид ба мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ ва арзиши назарию амалии кори диссертатсионии Миралиева С.Т. андешаҳои

ҷолиби таваҷҷуҳ баён намуда, довталабро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва диссертатсияи ӯро ба ҳимоя пешниҳод карданд.

Дар асоси бандҳои марбути Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Миралиева Сарварбӣ Толибовна** дар мавзуи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
2. Оид ба мубарамии мавзуъ, навгонии илмӣ, арзиши назарию амалии диссртатсияи Миралиева С.Т. ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ **хулосаи кафедра** дар муҳлати муайян пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ, дотсент — Зайниддинзода М.

Котиби илмӣ, н.и.ф. — Бобомаллаев И.Ҷ.